ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Мерганзода Манучеҳри Бекназар дар мавзуи «Поэтикаи осори ғиноии Адиб Собири Тирмизӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи Мерганзода Манучеҳри Бекназар ба омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои поэтикаи ашъори шоири бузурги нимаи дуюми асри XI ва ибтидои асри XII Адиб Собири Тирмизӣ бахшида шудааст. Воқеан, омӯзиши ҳаматарафаи адабиёти давраи мазкур равандҳои инкишофи назм, сабкҳои адабӣ, ҷанбаҳои ҳунарии он аз масъалаҳои муҳимму мубрами адабиётшиносии муосир маҳсуб меёбад. Аз тарафи дигар, замони зиндагии Адиб Собири Тирмизӣ яке аз марҳалаҳои муҳимми ташаккули назми форсии тоҷикӣ мебошад. Мубрамияту муҳиммияти диссертатсияро масъалаҳое таъйид менамоянд, ки ба сурати монографӣ таҳқиқ шудаанд.

Навгонии илмии диссертатсия, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки масоили поэтикаи осори ғиноии Адиб Собир бори нахуст дар шакли монографӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Авзони қасоид, ғазал, таркиббанд, қитъа, рубоӣ ва санъатҳои бадеӣ, қофияву радифи ашъори шоир ба таври алоҳида таҳқиқ шудаанд. Муҳим он аст, ки диссертант масоили номбурдаро вобаста ба авзои замони зиндагии шоир, рушди илму фарҳанг ва адабиёт, аҳволу осори Адиб Собир ва ғайра мавриди баррасии фарогири илмӣ қарор додааст. Бозёфти илмии диссертант бисёр паҳлуҳои муҳимми ҷанбаҳои адабию ҳунарӣ ва поэтикии ашъори шоирро дар заминаи дастовардҳои муосири илми адабиётшиносӣ муайян ва мушаххас месозад.

Маводи диссертатсия ва хулосаҳои илмию пажӯҳишии диссертантро метавон ҳангоми омӯзиши таърихи адабиёти асрҳои XI-

XII, тамоилҳои инкишофи назми ин давра, ташаккули анвои адабӣ дар замони мавриди назар ва таҳқиқи поэтикаи шеъри классикии форсии тоҷикӣ истифода намуд. Илова бар ин, маводи диссертатсия барои омӯзиши ҷанбаҳои ҳунарии шеъри классикӣ, ташаккули адабиёти форсии тоҷикӣ дар асрҳои XI-XII ва масоили дигари марбут ба аҳволу осори Адиб Собир ва муосирони ӯ муфид хоҳад буд.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия кори илмии анҷомёфта буда, дорои мазмун ва сохтори ягонаи илмию таҳқиқотист. Хулоса ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои диссертант дар 6 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи диссертант фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии нашршудаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Мерганзода Манучеҳри Бекназар истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ

таъйин шудааст. Мубрамии мавзуи таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Мерганзода Манучеҳри Бекназар дар мавзуи «Поэтикаи осори ғиноии Адиб Собири Тирмизӣ» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Мерганзода Манучеҳри Бекназар дар мавзуи «Поэтикаи осори ғиноии Адиб Собири Тирмизӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) дар ҷаласаи шурои дессертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- Нуров Нуралӣ Норович – доктори илми филология, профессори МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»;
- Муҳаммадиев Шамсиддин Муродович – номзади илми филология, дотсенти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:

доктори илми филология, профессор,

узви шурои диссертатсионӣ Низомов М.

Аъзои комиссияи экспертӣ:

доктори илми филология, профессор,

узви шурои диссертатсионӣ М. Нарзиқул.

Доктори илми филология, профессор,

узви шурои диссертатсионӣ Кӯчарзода А.

«01» декабри соли 2022.